ПРОТОКОЛИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»

аз 30.03.2021 ш.Хуҷанд

Баъди баррасии диссертатсияи Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович дар мавзӯи «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020500-Филология (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ) (**роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессор Тағоймуродов Рустам Ҳакимович), **муассисаи тақриздиҳанда** кафедраи назария ва таърихи адабиёти Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ", **муқарризони расмӣ**: доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Сӯфизода Шодимуҳаммад, номзади илмҳои филологӣ, директори МД "Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд" Мирсаидов Баҳром Тоҳирович ва муқарризони ғайрирасмӣ шунида муҳокима кард.

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-033-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастоварда, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшудаи Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи диссертатсияи Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович дар мавзӯи «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020500-Филология (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ) дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ)-ро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор **Мирзоюнус Матлуба**

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент **Шарипова М.З.**